“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**д.и.и., дотсент _______ Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**
**«11» _______ соли 2024**

# ТАҚРИЗИ

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.10. Назария ва методологияи буҷасозӣ; 1.13. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи бахшҳо, бизнес – ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо).

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад то роҳбарият дар пояи таҳлили хароҷот ва даромадҳо қарорҳои асосноки идоракунӣ қабул намояд. Дар соҳаи кишоварзӣ сатҳи номуайянӣ ва вобастагӣ аз шароитҳои табиӣ ниҳоят баланд буда, имконоти дастрасӣ ба ахбори

дақиқ ва фаврӣ бесобиқа муҳим мегардад. Чунин ҳолат бо зарурияти муносибгардонии истифодабарии захираҳо, ба ҳадди ниҳоӣ расонидани талафот ва баландбардории сатҳи даромаднокии истеҳсолот алоқаманд аст.

Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишварҳои дигари олам бо як қатор ҷолишҳои беназир мисли тағйиребии нархҳо дар бозор, мавсимӣ будани истеҳсолот ва вобастагии он аз шароити иқлим мувоҷеҳ мегардад. Дар чунин шароит мавҷудияти низоми чандир ва мутобиқшаванда, ки метавонад ҳолати ҷории корҳоро инъикос намояд ва дар қабули қарорҳои фаврӣ кумак расонад, ниҳоят муҳим мебошад.

Яке аз ҷанбаҳои калидии баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот маҳсуб мегардад. Дар соҳаи кишоварзӣ бо сабаби саҳми баланд доштани хароҷоти тағйирёбанда чун тухмӣ, нуриҳо ва сузишворӣ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот беандоза муҳим аст. Дарки дақиқи арзиши аслии маҳсулот мусоидат менамояд то нархи он муқаррар карда шавад, ки барои бадастории фоида зарур аст ва асоси нархгузорӣ ва буҷетикунонӣ мебошад.

Истифодаи услубҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба монанди арзиши аслии меъёрӣ (стандартӣ), хароҷоти бевосита ё услубҳои ABC имкон фароҳам меоранд, то селаҳои молиявӣ дар кишоварзӣ дақиқ пайгирӣ ва назорат карда шаванд. Ин услубҳо барои шаклгирии ҳолати нисбатан дақиқи фаъолияти иқтисодии корхона мусоидат менамоянд, дар навбати худ банақшагирии стратегӣ ва идоракунии хароҷотро беҳтар мекунад.

Ҳамин тариқ, рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва дақиқ шаклгирии арзиши аслии маҳсулот дар тақвияти рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Афзоиши самаранокии фаъолият на танҳо ба муносибгардонии хароҷот ва афзоиши самаранокии фаъолият, балки ба рушди устувори соҳа дар маҷмуъ оварда мерасонанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот дар кор карда баромадан ва асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии такмили

низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳияи равишҳои методӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди методикаи ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ба натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд, инҳо шомил мешаванд:

- ҷанбаҳои назариявию методии баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуда, равишҳои консептуалӣ оид ба ифшои мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод гардид. Ҳамзамон, таъиноти низоми баҳисобгирии идоракунӣ ошкор карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии босамари субъекти иқтисодии кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотии он пешниҳод карда шуд;
- таснифоти хароҷот дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунӣ ба ҷо оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф оид ба беҳтар намудани таркиб ва муҳтавои моддаҳои хароҷот, методикаҳои баҳодиҳии хароҷоти меҳнатӣ ва моддӣ, ки аз методикаҳои қаблӣ бо равишҳои нав оид ба таркиб, муҳтаво ва пайдарпайии ҷойгиршавии моддаҳои хароҷот, муайянкунии қиматҳои меъёрии онҳо бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ фарқ мекунанд, манзур карда шуданд;
- методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ омӯхта шуда, равишҳои методию амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти меҳнатӣ, муайянкунии фонди музди меҳнат, методикаи баҳисобгирии идоракунии захираҳои истеҳсолӣ, баҳодиҳӣ, истифодабарӣ, ҳаракати дохилӣ ва харҷи онҳо дар равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ таҳқиқ шудаанд, тавсияҳои амалӣ барои дар ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ инъикос намудани маълумот таҳия шудаанд.
- моҳияти иқтисодии объектҳои воситаҳои асосӣ ва таснифоти аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шуда, самтҳои асосии пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ тавсия дода шудааст, равишҳои нави ҳисобкунӣ ва соқиткунии истеҳлок барои пурра барқарор кардани онҳо коркард карда шудаанд. Ҳамчунин равишҳои методии

ташаккули иттилоот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ ва ҳолати воқеии онҳо бо ёрии ҳисобҳои муҳосибӣ пешниҳод карда шудааст;

➢ дар асоси таҳлили хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ ҷанбаҳои методии таъминоти иттилоотии идоракунии хароҷот асоснок карда шуда, самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва натиҷаҳои истеҳсолии он дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шудаанд;

➢ барои корхонаҳои кишоварзӣ методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият дар заминаи гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи аломатҳои гуногун таҳия карда шудааст, ки ба баҳодиҳии воқеъбинонаи фаъолияти марказҳои масъулияти ҷудогона мусоидат мекунад;

➢ методикаи буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард ва асоснок карда шудааст, ки он ба ташаккули буҷети марказҳои масъулияти алоҳида ҳамчун қисматҳои асосии корхонаи кишоварзӣ равона шуда, имконияти самаранокии назорати идоракунии фаъолияти корхона ва марказҳои масъулияти онро таъмин менамояд;

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он**

Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ зоҳир мегардад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард карда шудааст.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда дар доираи мавзуҳои илмии кафедра, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамоянд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз сарсухан, се боб, хулоса, рӯихати адабиёт иборат мебошад. Мухтавои асосии таҳқиқот дар 200 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, дар он 20 ҷадвал ва 16 расм ифода ёфта, руйхати адабиёт 177 сарчашмаро фарогир мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усубҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 3-12).

Дар боби якуми диссертатсия **"Асосҳои консептуалии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ"**, унвонҷӯ масоили ғоявӣ ва назариявии ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии амиқ қарор додааст (саҳ. 13-61).

Дар ин росто, муаллиф таҳқиқоти худро аз таърихи пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ оғоз намуда, сабабҳои ҷудо гардидани он аз низоми умумии баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, зарурияти пайдоиш ва татбиқ, ба мақсад мувофиқ будани ҷудокунӣ, заминаҳо ва зарурати ба зерсохтори мустақили ҳисобдори ҷудо намудани он, инчунин муайян кардани мавқеи он дар низоми идоракунии корхона ва зерсохторҳои онро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст (саҳ. 13-16).

Пешниҳоди унвонҷӯ оид ба дар амалияи ҳисобдорӣ ҷорӣ намудан ва мавриди истифодаи васеъ қарор додани ҳисобҳои муҳосибии зерин, ба назари мо, яке дастовардҳои муҳими илмии ӯ ба шумор меравад:

10710 – Молҳо

10720 – Ашёи хом ва маводҳо

10730 – Истеҳсолоти нотамом

10730/1 – Истеҳсолоти ёрирасон;

10730/2 – Истеҳсолоти нотамом-хароҷоти умумиистеҳсолӣ;

10730/3 – Хароҷоти умумихоҷагӣ;

10730/4 – Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон.

10740 – Маҳсулоти тайёр

10750 – Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ

11090 – Сохтмони нотамом

11100 – Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ

11400 – Дороиҳои биологӣ

11520 – Таҳдиди объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул

22210 – Музди меҳнати пардохтшаванда

55010 – Арзиши аслии фуруш

55200 – Хароҷоти фуруш

55300 – Хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ (с.20-21).

Пешниҳоди мазкури муаллиф ба муҳосибони корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ имконият фароҳам меорад, ки дуруст бақайдгирии хароҷот, мониторинги мунтазами ҳаракати онҳо, сари вақт ва дақиқ ба арзиши аслии маҳсулот гузаронидани, назорат ва идоракунии босамари онҳо таъмин карда шавад.

Дар зербанди 1.2 диссертатсия муаллиф дар асоси омӯхтани назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар корҳои илмии иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ тавсиф ва таъиноти низоми баҳисобгирии идоракуниро муайян намуда, сохторбандии онро дар расми 1.2.3 (саҳ. 41) пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, муаллиф бо назардошти объекти асосии баҳисобгирӣ, яъне хароҷот, баҳисобгирии идоракунии онро аз рӯйи нишонаҳои пуррагии фарогирии иттилоот, дараҷаи алоқамандии баҳисобгирии идоракунӣ ва молиявӣ, тавсиф ва таъиноти мақсадноки маълумотҳо гурӯҳбандӣ менамояд (ҷадвали 1.2.1.). Чунин равиши

таҳқиқот ба муаллиф имкон додааст, ки ӯ мавқеи баҳисобгирии идоракуниро дар низоми иттилоотӣ ва мудирияти корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ аз лиҳози илмию амалӣ асоснок кунад.

Ба ҳамагон маълум аст, барои самаранок ташкил намудани баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва таснифоти аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи хароҷот аҳаммияти калон дорад. Ҳангоми таснифи хароҷот бояд хусусиятҳои тахассусии зерсоҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ – растанипарварӣ ва чорводорӣ, шароити амалкунии корхона ва талаботи идоракунии он бо дарназардошти вайрон нагардидани асосҳои методологии гурӯҳбандии хароҷот ба инобат гирифта шавад. Таснифи дурусти хароҷоти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва маъмурӣ имкон медиҳад, ки ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ, дуруст муайянсозии захираҳо барои дар оянда паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва таъмини назорат аз рӯйи сатҳи он ба роҳ монда шавад. Дар робита бо ин, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷу, ба ӯ имкон додааст, ки хароҷоти корхонаҳои соҳаи кишоварзиро аз рӯи даҳ аломат дар расми 1.3.1. гурӯҳбандӣ намояд (с.53). Чунин тақсимот нишон медиҳад, ки дар корхонаҳо истеҳсоли маҳсулот ва ба фурӯш баровардани он, таносуби хароҷоти истеҳсолӣ ба хароҷоти фурӯш ва идоракунӣ чӣ қадар мебошад. Тафриқабандии воқеии хароҷоти истеҳсолӣ, фурӯш ва идоракунӣ имкон медиҳад, ки ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ ва молиявӣ, дуруст муайянсозии захираҳо барои дар оянда паст кардани арзиши аслии маҳсулот ба роҳ монда шаванд.

Бояд қайд кард, ки унвонҷу тамоми намудҳои хароҷотро ба истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва маъмурӣ ҷудо намудааст (с.48-60). Он нишон медиҳад, ки дар корхонаҳои истеҳсолӣ маҳсулот ва ба фурӯш баровардани он, таносуби хароҷоти истеҳсолӣ ба хароҷоти фурӯш ва идоракунӣ чӣ қадар мебошад. Тафриқабандии воқеии хароҷоти истеҳсолӣ, фурӯш ва идоракунӣ имкон медихад, ки ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ

ва молиявӣ, дуруст муайянсозии захираҳо барои дар оянда паст кардани арзиши аслии маҳсулот ба роҳ монда шаванд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони **“Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ”** ба масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба музди меҳнат, баҳисобгирии идоракунии захираҳои молию истеҳсолӣ, баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст ва мавриди омузиш ва баррасии илмию амалӣ қарор гирифтааст (с.62-113).

Дар зербахши 2.1 рисола тартиби баҳисобгирии музди меҳнат вобаста ба он, ки коргар дар кадом самт ва ё маркази масъулият кор мекунад, инчунин нигоҳдорӣ аз музди меҳнат ва пардохти он пешниҳод карда шудааст. Ба корхонаҳои кишоварзӣ тавсия дода мешавад, ки бо мақсади дуруст баҳисобгирии хароҷот ва муайянкунии арзиши аслии маҳсулот, кору хизматҳо барои баҳисобгирии хароҷоти музди меҳнат вобаста ба марказҳои масъулият ҳисобҳои мувофиқро, ки унвонҷу дар ин бахши рисола пешниҳод намудааст, интихоб намоянд (с.62-74). Ин тарзи ташкили баҳисобгирии музди меҳнат ба корхонаҳои кишоварзӣ имконият медиҳад, ки он сари вақт ва дуруст ҳисоб карда шуда, ба ҳавасмандии кормандон ва болоравии ҳосилнокии меҳнати онҳо мусоидат намояд.

Намунаи методикаи ташкили баҳисобгирии музди меҳнат, нигоҳдориҳо аз музди меҳнат ва пардохти онро барои субъектҳои иқтисодии кишоварзӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ, ки муаллифи диссертатсия онро дар ҷадвали 2.1.6 пешниҳод намудааст, ба ақидаи мо, яке аз дастовардҳои муҳими илмии ӯ ба ҳисоб меравад (с.78-79). Тибқи методикаҳои тавсиягардида ташаккулёбии фонди музди меҳнат, баҳисобгирии он ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ муҳим аст. Дар ин ҳолат имконияти назорати фаъоли баҳисобгирии фонди музди меҳнат, объектҳои

интихобшуда барои тақсими он, муайянкунии таркиби музди меҳнат, ҳосилнокии меҳнат аз рӯйи зироатҳои алоҳида ва ғ. фароҳам меояд.

Принсипи асосии такшили баҳисобгирии захираҳои молию истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ин таснифи дурусти онҳо мебошад. Унвончу таснифи захираҳои молию истеҳсолиро аз рӯйи ду аломати муҳим – аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ ва хусусияти техникӣ зарур шуморидааст, ки намунаи он дар расми 2.2.1 пешниҳод карда шудааст (с.79 – 83). Таснифи пешниҳодшудаи захираҳои молию истеҳсолӣ барои ташкили баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии онҳо нақши муҳим мебозад. Ҳангоми тартиб додани таснифоти иқтисодӣ ва алоқаи зичи он бо таснифоти техникӣ номгӯи мунтазами сарватҳои моддии дар истеҳсолот истеъмолшаванда бо нишон додани номгӯй, навъ, тамға ва ғ. тартиб дода мешавад.

Қобили зикр аст, ки яке самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунии захираҳои молию истеҳсолӣ дар сари вакт инъикос намудани воридшавӣ, баҳодиҳӣ, нигоҳдорӣ ва оқилона истифода намудани онҳо дарҷ мегардад. Оид ба ин самти масъала, дар диссертатсия, тавсияҳои методӣ ҷиҳати бақайдгирии ҳуҷҷатии захираҳои молию масолеҳӣ, истифодаи усулҳои муносиб барои баҳодиҳии онҳо, ташаккули ҳисоботи дохилӣ аз рӯйи бахшҳо ва зербахшҳои истеҳсолоти кишоварзӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин модели ташаккули иттилоот оид ба захираҳои молию истеҳсолӣ ва банизомдарории онҳо дар ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии субъектҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, ки он асоси пешбурди баҳисобгирии муҳосибии ин объекти фаъолияти корхона мебошад (с.83 - 95). Равиши мазкур имконияти назорати фаъоли баҳисобгирии фонди музди меҳнат, объектҳои интихобшуда барои тақсими он, муайянкунии таркиби музди меҳнат, ҳосилнокии меҳнат аз рӯйи зироатҳои алоҳида ва монанди онҳоро фароҳам меорад.

Барои таъмини фаъолияти мусоиди хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ воситаҳои асосӣ дар шакли аслӣ ва бо баҳогузории пулӣ тасниф карда мешаванд, ки муаллиф равиши муносиби он ва тарзу

услубҳои баҳисобгирии қобили қабулашро дар рисола пешниҳод намудааст (с.97 – 112). Тартиби пешниҳодгардидаи баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи истифодабарӣ ва нигоҳубини техникаи кишоварзӣ, сатҳи таҳлилии маълумотҳои баҳисобгирӣ, фаъолнокии назорати дохилихоҷагӣ оид ба истифодаи сарфакоронаву самараноки захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва моддиро ба таври назаррас баланд мебардорад, имконияти баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истифодабарии техникаи кишоварзиро фароҳам меорад, барои ташаккулёбии иттилооти объективӣ оид ба хароҷоти истеҳсолоти кишоварзӣ, пурра муайян кардани захираҳои мавҷудбуда ва дар оянда паст кардани арзиши аслии маҳсулот мусоидат менамояд.

Боби сеюми диссертатсия, ки **“Рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ”** номгузорӣ гардидааст, ба масоили таҳқиқи таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ҳамчун заминаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, такмили методикаи баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи марказҳои масъулият дар корхонаҳои кишоварзӣ ва буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст (саҳ. 114 -173).

Дар зербанди 3.1 масъалаҳои умдаи таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ҳамчун заминаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҶДДМ “Латиф Муродов” мавриди баррассии унвонҷу қарор дода шудааст (с.114 - 132), инчунин тарҳи умумии ҷараёнҳои иттилоотии идоракунии хароҷотро барои ҶДММ «Латиф Муродов» дар шакли амсилаи дар расми 3.1.1 тасвиршуда пешниҳод намудааст (с.133). Ин пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дорои арзиши илмию амалӣ буда, дар таъмини бехатарии иттилоотӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, сари вақт ҳисоб намудан, назорат ва идоракунии самарабахши раванди шаклгирии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ вазифаи муҳимро ба сомон мерасонад.

Пешниҳоди унвонҷу, дар асоси омузиши сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ, доир ба ҷудо намудани марказҳои масъулият барои корхонаҳои кишоварзӣ чун маркази даромад, маркази хароҷот, маркази фоида ва маркази сармоягузорӣ қобили эътироф аст (с.134 – 143). Бояд қайд кард, ки пешниҳоди мазкури унвонҷу доир ба баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи марказҳои масъулият меҳвари асосии низоми таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунии дохилӣ мебошад.

Муаллифи рисолаи диссертатсиони дар зербоби 3.2. дар асоси таҳқиқи маъхазҳои илмии ба ӯ дастрасгардида, оид ба буҷетикунонӣ ба хулосаи зерин меояд: “буҷетикунонӣ – ин банақшагирии молиявӣ мебошад, ки ҳама ҷанбаҳои фаъолияти корхонаро фаро гирифта, имкон медиҳад, то тамоми хароҷот ва даромадҳо (натиҷаҳо)-и гирифташуда бо мафҳумҳои молиявӣ барои давраи оянда ифода карда шаванд” (с.155 – 163). Инчунин дар асоси тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда зарур мешуморад, ки дар сохтории ташкилии ҶДММ «Латиф Муродов» маркази масъулияти молиявӣ таъсис дода шавад (расми 3.3.4) (с. 164 – 172). Ба андешаи мо, пешниҳодоти унвонҷу оид ба буҷетикунонӣ ва мавқеи он дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ дорои арзиши қобили қабули илмию амалӣ буда, дар раванди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Дар натиҷа тамоюли нишондиҳандаҳои воқеӣ аз буҷет вобаста ба ҳаҷми фурӯш, маблағи фурӯш, хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда, даромади маржиналӣ, фоидаи амалиётӣ муайян карда мешаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти беҳтаргардонии қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби таъмини дақиқият ва мубрамияти маълумот оид ба хароҷот ва истеҳсоли маҳсулот зоҳир мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба нисбатан самаранок тақсим намудани захираҳо, коҳиши

харочот ва муносибгардонии чараёнҳои пешбурди агробизнес мусоидат намоянд. Ҳамзамон ин натичаҳо дар коркарди равишҳои методӣ ба баҳисобгирӣ ва назорат саҳмгузор мебошанд, ки онҳоро метавон ба хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти кишоварзӣ мутобиқ гардонид.

Натичаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амалия барои шаклгирии стандартҳои корпоративии баҳисобгирии идоракунӣ дар маҷмааҳои агросаноатӣ барои истифодабарӣ тавсия дода мешаванд. Он ҷорӣ намудани мониторинги ҳамарузаи харочот ва истеҳсоли маҳсулот, коркарди стратегияҳои алоҳидаи муносибгардонӣ барои ҳар як корхона, инчунин истифодаи воситаҳои инноватсионии таҳлил ва ояндабиниро барои тақвияти устувории соҳибкорӣ дар муқобили чолишҳои дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад. Ин чорабиниҳо на танҳо ба болоравии сатҳи даромаднокӣ, балки ба тақвияти мавқеи корхонаҳо дар бозор мусоидат менамоянд.

Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегия ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар таъсири бевоситаи он ба беҳбуди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва молиявии корхонаҳои кишоварзӣ зухур мекунад. Истифодаи услубҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоби дақиқи арзиши аслии маҳсулот ба корхонаҳо имконият медиҳанд, на танҳо харочотро коҳиш диҳанд, балки банақшагирӣ ва буҷетикунониро беҳтар намоянд, ки ба афзоиши сатҳи умумии даромаднокии соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Ин равишҳо ҳамзамон барои мутобиқшавӣ ба тағйиротҳои бозор мусоидат намуда, метавонанд ба таври назаррас рақобатпазирии корхонаҳоро боло баранд.

Дар асоси натичаҳои таҳқиқот тавсия мешавад, ки расмиёти мунтазами баҳодиҳӣ ва таҳлили харочот дар кулли марҳилаҳои чараёни истеҳсолӣ шурӯъ аз хариди ашё то фуруши маҳсулоти тайёр ҷорӣ карда

шавад. Он истифодаи ҳамгирои низомҳои иттилоотиро барои замони ҳақиқии назорати хароҷот ва истеҳсоли маҳсулот дар бар мегирад, ки имкон медиҳад, то нақшаҳои истеҳсолӣ фавран таҳрир карда шаванд ва логистика муносиб гардонида шавад. Услубҳо ва воситаҳои тавсияшудаи баҳисобгирии идоракунӣ бояд бо сохтори идоракунии корхонаҳо барои таъмини самаранокии ниҳоӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии дарозмуддати стратегӣ ҳамгиро карда шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки имкон фароҳам меорад то субот ва устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ба таври назаррас беҳтар гардонида шавад. Ба туфайли баҳисобгирии идоракунии дақиқ ва муносибгардонии ҳисоби арзиши аслии маҳсулот корхонаҳо метавонанд на танҳо хароҷотро то ҳадди аққал коҳиш диҳанд, балки фоидаро тавассути самаранок тақсим намудани захираҳо ва беҳбуди ҷараёнҳои истеҳсолӣ ба ҳадди ниҳоӣ расонанд. Он ҳамчунин баояндабинии беҳтари натиҷаҳои молиявӣ ва баландбардории ҷаззобияти сармоягузории соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Бо такя ба таҳқиқоти гузаронидашуда тавсия мешавад то барномаҳои маҷмуии таълимӣ барои мудирони ширкатҳои агросаноатӣ, ки ба омузиши услубҳои муосири пешқадами баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили хароҷот нигаронида шудаанд, коркард шаванд. Инчунин ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирӣ заруранд, ки имкон фароҳам меоранд, то назорати доимӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин гардида, фавран ба тағйирот дар муҳити беруна ва ҷараёнҳои дохилии корхона вокуниш нишон дода шавад. Тасмимҳои болозикр кумак менамоянд на танҳо вазъи иқтисодии корхона қавӣ гардонида шавад, балки барои рушди соҳа дар маҷмуъ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар беҳбуди шароитҳои меҳнат ва болоравии сатҳи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ ифода меёбад. Истифодабарии услубҳои такмилдодашудаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоби дақиқи арзиши аслӣ метавонад ба нисбатан

самаранок тақсим намудани захираҳо мусоидат намояд, ки дар навбати худ ба муносибгардонии ҷараёнҳои меҳнатӣ оварда мерасонад. Ин, дар навбати худ, метавонад ба ташкили ҷойҳои нави корӣ ва болоравии даромади кормандони соҳаи агросаноатӣ оварда расонад, ки ба беҳтаршавии суботи иҷтимоӣ дар минтақаҳои аз кишоварзӣ зиёдтар вобастабуда мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни коркарди барномаҳои иҷтимоие, ки ба дастгирии кормандони кишоварзӣ нигаронида шудаанд, мавриди истифодабари қарор дода шаванд. Чунин ташаббусҳо натанҳо инфрасохтори иҷтимоиро қавӣ мегардонанд, балки ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ дар самти мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави технологӣ ва иқтисодӣ кумак мерасонанд. Ин ташаббусҳо, ба ғайр аз он, метавонанд сатҳи дарки ҷамъиятии соҳаи агросаноатиро ҳамчун ҷои кории ҷолиб ва умедбахш боло баранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 1 монография (10 ҷ.ч), 17 мақола (дар ҳаҷми 8,7. ҷ.ч.) аз инҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин мутахасиси варзидаи соҳаи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит мебошад, диссертатсияи ӯ ба тахассуси илмии довталаб ва талаботи бандҳои 17 ва 18 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295) мутобиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия, сохтор ва мухтавои кори иҷрокардашуда ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.08 - «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастовардашуда ба тахассуси илмии унвоҷӯйи дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошанд. Унвонҷӯ ҳамчун

корманди илмии баркамол, метавонад дар сатҳи баланд корҳои илмӣ-таҳқиқотиро ташкил намуда, мустақилона қарор қабул намояд ва роҳҳои расидан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташударо пайдо кунад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

Бояд қайд намоем, ки диссертатсия дар баробари доштани тарафҳои мусбат аз камбудиҳо низ орӣ набуда, онҳоро ба тариқи зайл ироа намудан мумкин аст:

1. Таърифҳо ва консепсияҳои муаллифони мухталифи баҳисобгирии идоракунӣ, ки унвонҷӯ онҳоро барои арзёбӣ аз нуктаи назари илмӣ дар таҳқиқоташ ҷой додааст, бояд ҳаматарафа таҳлил карда мешуданд;

2. Дар диссертатсия натиҷаҳои бо усули тақсимкунӣ аз рӯи нархҳои бозорӣ ё ин ки усули камкунии хароҷот ба маблағи фурӯши маҳсулоти ғайриасосӣ ҳисобҳо оварда мешуданд, хубтар мешуд;

3. Дар кори диссертатсионӣ дар қатори равиши бинарӣ мисоли равиши оддӣ низ оварда мешуд, ба ҳусни кор афзалият медод;

4. Маълумотҳои зербанди 3.2-и таҳқиқоти диссертатсионӣ бештар тавсифи назариявӣ доранд, ки мавқеъи онҳоро дар боби аввали диссертатсия муайян сохтан беҳтар мешуд;

5. Агар ҳар боби таҳқиқоти муаллиф бо хулосаю пешниҳодот ҷамъбаст мешуд, арзиши илмию амалии кори диссертатсионӣ баланд мегардид;

6. Дар диссертатсия пайвастагии мантиқии назария ва амалия на ҳамеша ба назар мерасад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шуда, ба талаботи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои

диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) ҷавобгу мебошад.

Рисолаи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани рисола ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ қонеъ карда шудааст.

**Хулоса.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номазади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, №367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси – 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

Дар ҷаласа 26 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 26 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протокол №10 аз 10 майи соли 2024).

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи аудит ва ревизияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон н.и.и., дотсент** **Хоҷаева М.И.**

**Эксперт:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Қӯзибоева Б.М.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ашӯров У.З.**

**Имзои н.и.и., дотсент Хоҷаева М.И., н.и.и., дотсент Қӯзибоева Б.М. ва н.и.и., дотсент Ашӯров У.З. - ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 – ум мкр-н, хонаи 1, www.tsulbp.tj, E-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru Телефон: тел: +992(3422)2-38-11